Намуна

**“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**
**Бо қарори маҷлиси муассисон**
**аз “ ” _____соли 20___**

**Оинномаи Коллегияи адвоктҳои “№1 ш.Душанбе ”**

## 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

1 .Коллегияи адвокатҳои №1-и мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо дар шаҳри Душанбе (минбаьд «Коллегияи адвокатҳо»), шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда, ба аъзогии адвокатҳо асос ёфта, дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Оинномаи тасдиқ намудаи муассисони он (минбаъд- Оиннома), шартномаи таъсисии аз ҷониби онҳо басташуда, амал мекунад.

2 .Коллегияи адвокатҳо шахси ҳуқуқӣ буда, тавозуни мустақил дорад. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонк суратҳисоб ва ҳисобҳои дигар дошта, инчунин дорои мӯҳр, тамға ва бланк бо ном ва суроғаи худ буда, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба даст оварда, ин ҳуқуқҳои худро, дар тамоми судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба сифати даъвогару ҷавобгар ҳифз намояд.

3 .Панҷ ва зиёда адвокат ҳуқуқ доранд Коллегияи адвокатҳоро таъсис диҳанд.

4 .Муассисони Коллегияи адвокатҳо, танҳо адвокатҳое буда метавонанд, ки маълумот дар бораи онҳо, ба Феҳрасти ягонаи адвокатҳо ворид карда шудааст.

5 .Бақайдгирии Коллегияи адвокатҳо тибки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

6 . Коллегияи адвокатҳо аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ таъсисёфта ҳисобида мешавад.

7 .Аъзои Коллегияи адвокатҳо оид ба ӯҳдадориҳои он масъул набуда, Коллегияи адвокатҳо оид ба ӯҳдадориҳои аъзои худ масъул намебошад.

8 . Коллегияи адвокатҳо мувофиқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба даромадҳое, ки аъзои он бинобар амалӣ кардани фаъолияти адвокатӣ ба

даст овардаанд, ҳамчун агенти андоз баромад мекунад, инчунин дар масъалаҳои ҳисоббаробаркунӣ бо ваколатдиҳандагон, шахсони сеюм ва оид ба дигар масъалаҳое, ки ҳуҷҷатҳои таъсисии Коллегияи адвокатҳо пешбинӣ намудаанд, намояндаи адвокатҳо мебошад.

9 .Коллегияи адвокатҳо ҳуқуқи кушодани филиал ва намондагиро надорад.

10 . Номи Коллегияи адвокатҳо ба забони давлатӣ: «Коллегияи адвокатҳои № 1 ш. Душанбе.

Ба забони русӣ: Коллегия адвокатов № 1 г.Душанбе.

Ба забони англисӣ: Collegium of Lawyers №1 city of

Dushanbe

11 .Суроғаи ҳуқуқӣ: Коллегияи адвокатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, кучаи ----------------------------- ҷойгир аст.

## 2. ПРЕДМЕТ ВА МАҚСАДИ ФАЪОЛИЯТИ КОЛЛЕГИЯ

12 . Коллегияи адвокатҳо баҳри расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъсис дода шуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳимоя карда, ғояҳои башардустӣ, адолат ва қонуниятро таҷасум менамояд.

13 .Коллегияи адвокатҳо, барои расидан ба мақсадҳои дар наздаш гузошта, вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- адвокатҳое, ки ба Феҳрасти ягонаи адвокатҳо ворид карда шудаанд, ба таври ихтиёрӣ муттаҳид намуда ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, расонидани ёрии баландихтисоси ҳуқуқиро, таъмин менамояд;
- аъзоёни Коллегияи адвокатҳо дар ҳар лаҳза, дар ҳар мавзеъ, ба ҳар як фард ва шахси ҳуқуқӣ, новобаста аз ҷинс, нажод, ҳолати иҷтимоӣ, ҳолати амволӣ, муносибат ба дин ва дигар омилҳои фарққунанда, ёрии баландихтисоси ҳуқуқӣ мерасонанд;
- ташкили ёрии ҳуқуқии ройгонро, ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ мемонад;
- барои тайёрии касбии адвокатҳо мусоидат менамояд;
- назоратро аз болои риоя намудани одоби касбии адвокатҳо, амалӣ мегардонад;
- тартиби таъмини расонидани ёрии ҳуқуқиро аз ҷониби адвокатҳо, ки дар

асоси қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти суд ба сифати ҳимоятгар дар парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок менамоянд, муайян мекунад. Ин тартибро ба маълумоти мақомоти мазкур ва адвокатҳо мерасонад, инчунин аз тарафи адвокатҳо иҷро шудани ин тартибро назорат мебарад;

## 3.ТАРТИБИ ИДОРАКУНИИ КОЛЛЕГИЯИ АДВОКАТҲО:

14. Маҷлиси умумии аъзоёни Коллегия, мақоми олии Коллегия буда, он дар як сол на камтар аз як маротиба баргузор мегардад.

15. Дар сурати зарурат бо пешниҳоди аз нисф зиёди аъзоёни Раёсат ё ин ки аз нисф зиёди аъзоёни Коллегия, маҷлиси ғайринавбатии умумии Коллегия даъват карда мешавад.

16. Маҷлиси умумии аъзоёни Коллегия ваколатҳои зеринро дорад:

- тағйиру иловаҳоро ба Оинномаи Коллегия ворид менамояд;
- аъзоёни Раёсати Коллегияи адвокатҳо ва Раиси Раёсати Коллегияи адвокатҳоро ба мӯҳлати чор сол, интихоб менамояд ва инчунин дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои аъзоён ва Раиси Раёсати Коллегияи адвокатҳо, қарор қабул менамояд;
- Низомномаи Комиссияи ревизиониро, қабул ва ба он тағйиру иловаҳо ворид менамояд;
- аъзоёни Комиссияи ревизионии Коллегияи адвокатҳоро, ба мӯҳлати ду сол интихоб намуда, ҳисоботи онро доир ба натиҷаҳои фаъолияти хоҷагию молиявии Коллегияи адвокатҳо, ҳар як сол, дар маҷлиси умумии Коллегияи адвокатҳо тасдиқ мекунад;
- сметаи хароҷотҳоро барои таъмини фаъолияти Коллегияи адвокатҳо тасдиқ менамояд;
- андоза ва тартиби пардохти ҳаққи воридшавиро муайян менамояд;
- андоза ва тартиби пардохти ҳаққи аъзогии Коллегияи адвокатҳоро муайян менамояд;
- андозаи музди меҳнати Раис ва муовини Раиси Коллегияи адвокатҳо ва кормандони маъмурияти Коллегияи адвокатҳоро, дар доираи сметаи хароҷотҳое, ки барои таъмини фаъолияти Коллегияи адвокатҳо тасдиқ шудааст, муайян мекунад;
- ҳисоботи Раёсати Коллегияи адвокатҳоро, аз ҷумла оид ба иҷрои сметаи хароҷот барои таъмини фаъолияти Коллегияи адвокатҳоро тасдиқ менамояд;

- маҳалли ҷойгиршавии Раёсати Коллегияи адвокатҳоро муайян менамояд;
- ҷадвали воҳидҳои кории маъмурияти Коллегияи адвокатҳоро тасдиқ менамояд;
- тамоми масъалаҳои марбутро оиди ташакули фаъолияти кории Коллегияи адвокатҳо қабул менамояд;
  - дар сурати мухолиф будани қарорҳои қабулнамудаи Раёсати Коллегияи адвокатҳо ба Оинномаи Коллегияи адвокатҳо, ба он тағйирот ворид менамояд;
  - дигар ваколатҳоеро, ки бо Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҷои ҶТ мухолиф нест, амалӣ менамояд;

17. Раёсати Коллегияи адвокатҳо мақоми дастаҷамъонаи иҷроияи доимоамалкунандаи Коллегияи адвокатҳо дар байни маҷлисҳои умумии Коллегияи адвокатҳо мебошад.

18. Раёсати Коллегияи адвокатҳо, аз ҷониби маҷлиси умумии Коллегияи адвокатҳо бо роҳи овоздиҳӣ бо теъдоди 3 нафар аз ҳайати аъзоёни Коллегияи адвокатҳо, ба мӯҳлати чор сол, интихоб карда мешавад.

19. Ба салоҳияти Раёсати Коллегияи адвокатҳо ваколатҳои зерин дохил мешаванд:

- аз ҳайати худ муовини Раиси Раёсати Коллегияи адвокатҳоро, ба мӯҳлати чор сол интихоб менамояд;
- дастрасии ёрии ҳуқуқиро дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ёрии ҳуқуқии ба шаҳрвандон ба тариқи ройгон расонидашавандаро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» таъмин менамояд;
- тартиби таъмини расонидани ёрии ҳуқуқиро аз

  ҷониби адвокатҳо, ки дар асоси қарори таҳқиқбаранда, муфатиш, прокурор, судя ё таъиноти суд, ба сифати ҳимоятгар дар парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок менамоянд, муайян менамояд, инчунин тартиби иҷроиши онро назорат мебарад;
- тартиби қабули ёрдамчиёни адвокат ва бо онҳо бастани шартномаҳоро муайян мекунад;
- руйхати адвокатҳоро барои бозомузӣ ва такмили ихтисос, муайян карда, пешниҳод менамояд;
- руйхати адвокатҳоро барои ҳал намудани масъалаҳои боздоштан ва

барқарор намудани мақоми адвокатҳо муайян намуда, пешниҳод менамояд;

- рӯзномаи маҷлиси умумии Коллегияи адвокатҳоро омода менамояд;
- молу мулки Коллегияи адвокатҳоро, тибқи сметаи хароҷот ва таъинот ихтиёрдорӣ менамояд;
- Раёсати Коллегияи адвокатҳоро бо мақсади иҷро намудани вазифаҳои оинномавӣ дар муносибат бо дигар шахсон, шахсони ҳуқуқӣ, аъзоёни Коллегияи адвокатҳоро намояндагӣ мекунад;
- дигар ваколатҳоеро, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», инчунин Оинномаи мазкур пешбинӣ намудаанд ва мухолифи онҳо нест, амалӣ менамояд.

20. Раиси Коллегияи адвокатҳо, дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- дар муносибат бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони вокеӣ ва ҳуқуқӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, намояндагӣ менамояд;
- маҷлиси Раёсати Коллегияи адвокатҳо аз ҷониби Раиси Раёсат на камтар аз як маротиба дар як моҳ даъват карда мешавад. Маҷлис дар мавриди иштироки аксарияти аъзоёни Раёсати Коллегияи адвокатҳо салоҳиятнок хисобида мешавад. Қарори Раёсат бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзоёни Раёсати Коллегияи адвокатҳо, ки дар маҷлиси он иштирок менамоянд, қабул карда мешавад ва иҷрои он барои ҳамаи аъзоёни Коллегияи адвокатҳо ҳатмӣ мебошад;
- ваколатнома медиҳад;
- аз номи Коллегияи адвокатҳо созишнома мебандад;
- бо қарори Раёсати Коллегияи адвокатҳо тибқи смета ва таъиноти молу мулк онро ихтиёрдорӣ менамояд;
- кормандони маъмурияти Коллегияи адвокатҳоро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;
- маҷлиси Раёсати Коллегияи адвокатҳоро даъват менамояд;
- иҷрои Қарорҳои Раёсати Коллегияи адвокатҳо ва Қарорҳои маҷлиси умумии Коллегияи адвокатҳоро таъмин менамояд;

21. Комиссияи ревизионии Коллегияи адвокатҳо барои амалӣ сохтани назорати фаъолияти молиявию хочагии Коллегияи адвокатҳо аз ҳисоби аъзоёни Коллегияи адвокатҳо ба мӯҳлати чор сол интихоб карда мешавад. Дар бораи натиҷаҳои кории худ Комиссияи ревизионии Коллегияи адвокатҳо, ҳар

сол дар назди маҷлиси умумии Коллегияи адвокатҳо ҳисоботдиҳанда мебошад. Фаъолияти Комиссияи ревизионии Коллегияи адвокатҳоро, Низомнома дар бораи Комиссияи Ревизионии Коллегияи адвокатҳо ба танзим медарорад.

## 4. МОЛУ МУЛКИ КОЛЛЕГИЯИ АДВОКАТҲО:

22. Молу мулки Коллегияи адвокатҳо, аз ҳисоби ҳақи воридшавӣ, аъзоҳақии ҳармоҳаи аъзоёни Коллегияи адвокатҳо ва дигар падохтҳое, ки қонунгузории амалкунанда манъ накардааст, ки барои эҳтиёҷоти умумии Коллегияи адвокатҳо ворид карда мешавад, ташкил меёбанд.

23. Коллегияи адвокатҳо, молу мулки манқул ва ғайри манқули худро тибқи таъиноташ ва маблағҳои пулии дар суратҳисобаш бударо, бевосита ихтиёрдорӣ менамояд.

## 5. ТАРТИБИ ДОХИЛ ШУДАН БА АЪЗОГИИ КОЛЛЕГИЯИ АДВОКАТҲО

24. Аъзогӣ ба Коллегияи адвокатҳо дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ ва баробарӣ амалӣ карда мешавад.

25. Коллегия адвокатҳо барои қабули аъзоёни нав кушода буда, шумораи он маҳдуд нест.

26. Аъзоёни Коллегияи адвокатҳо, адвокатҳое мебошанд ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун мақоми адвокатиро соҳиб шуда, Оинномаи мазкурро эътироф намуда, бо ариза муроҷиат карда, аъзоҳақии муқарраршудаи мақоми идоракунандаи Коллегияи адвокатҳоро супорида бошанд.

27. Қабули аъзои нав ба Коллегияи адвокатҳо аз ҷониби Раёсати Коллегияи адвокатҳо амалӣ карда мешавад.

28. Раёсати Коллегияи адвокатҳо дар муддати як моҳ аризаи довталабро барои аъзогӣ баррасӣ намуда, саҳеҳии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи ӯро месанҷад ва дар хусуси қабул ва ё рад намудан ба аъзогии Коллегияи адвокатҳо қарор қабул менамояд.

29. Аъзогӣ дар Коллегияи адвокатҳо дар асосҳои зерин қатъ мегардад:

- бо аризаи адвокат оиди хориҷ шудан аз аъзогии коллегия;
- эътибори қонуни пайдо кардани қарори суд оид ба ғайри қобили амал ё дорои қобилияти амалаш маҳдуд эътироф гардидани адвокат;
- фавти адвокат ё эътибори қонуни пайдо кардани қарори суд оид ба

фавтида эълон кардани адвокат;

- барои содир кардани ҷиноят маҳкум шудани адвокат;

30. Бо Қарори Раёсати Коллегия, ҳамчунин дар ҳолатҳои зерин аъзогӣ ба Коллегияи адвокатҳо қатъ мегардад:

- аз ҷониби аъзои Коллегия иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои касбии худ дар назди ваколатдиҳанда;
- бе сабабҳои ӯзрнок ба иҷро нарасонидани қарорҳои мақомоти идоракунандаи Коллегияи адвокатҳо ва насупоридани аъзоҳақи зиёда аз 4-моҳ;
- аз тарафи адвокат риоя накардани одоби касбӣ;
- амали намудани фаъолияти адвокатӣ аз ҷониби аъзое, ки мақоми ӯ боздошта шудааст.

## - . ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИИ АЪЗОИ КОЛЛЕГИЯИ АДВОКАТҲО:

31. Аъзои Коллегияи адвокатҳо ҳуқуқ дорад:

- ба мақомоти Коллегияи адвокатҳо интихоб кунад ва интихоб шавад;
- дар назди мақомот ва шахсони мансабдори Коллегияи адвокатҳо масъалаҳоеро гузорад, ки ба фаъолияти онҳо дахл дорад, барои беҳбудии кори он таклифҳо пешниҳод намояд ва дар муҳокимаи онҳо иштирок кунад;
- дар ҳама мавридҳои рафтори ӯро муҳокима кадани мақомоти Коллегияи адвокатҳо, шахсан иштирок кунад;
- барои рафъи ихтилофоте, ки байни ӯ ва

  роҳбарияти Коллегияи адвокатҳо ба амал омадаанд, ба суд муроҷиат кунад;
- аз Коллегияи адвокатҳо барояд;
- аз ҳама гуна ёрии машварати ҳуқуқӣ ва методии Раёсати Иттифоқи адвокатҳо истифода барад.

32. Аъзои Коллегияи адвокатҳо ӯӯдадор аст:

- қонунгузории ҷориро дуруст ва собитқадамона риоя намуда, тамоми восита ва усулҳои дар қонун пешбинишударо барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ашхоси вокеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ӯ барои ёрии ҳуқуқӣ муроҷиат менамоянд, истифода барад;
- талаботи Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Коллегии адвокатҳоро риоя намояд;

- ҳар моҳ аъзоҳаққиро дар ҳаҷм ва тартиби муқаррарбуда, пардохт намояд;
- Қарорҳои мақомотҳои Иттифоқи адвокатҳо ва Коллегияи адвокатҳоро иҷро намояд.

## - . ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ АДВОКАТҲО

33. Барои ба таври намунавӣ иҷро намудани вазифаҳои худ, кори дарозмуддат ва бенуқсон, барои фаъолияти хуби ҷамъиятӣ, адвокатҳо бо қарори Раёсати Коллегияи адвокатҳо, Раёсати Иттифоқи адвокатҳо ё мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ҳавасманд гардонида мешаванд. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва тартиби татбиқи онҳо, бо Оинномаи Иттифоки адвокатҳо, Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

34. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ аз инхо иборатанд: - эълон кардани ташаккурнома:

- мукофонидан бо Ифтихорнома:
- мукофонидан бо тӯҳфаҳои қимматнок;
- пешниҳод намудан барои сарфароз гардидан ба мукофотҳои давлатӣ. Нисбати адвокатҳо дигар чораҳои ҳавасмандгардонӣ, ки дар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, татбиқ шуда метавонад.

35. Қарор дар бораи ҳавасмандгардонии адвокатҳо, дар вазъияти тантананок эълон карда мешавад. Чораҳои ҳавасмандгардонӣ нисбати коромӯзон ва ёрдамчиёни адвокат низ татбиқ шуда метавонад.

## 8. МАСЪУЛИЯТИ ИНТИЗОМИИ АЪЗОЁНИ КОЛЛЕГИЯИ АДВОКАТҲО:

36. Барои вайрон кардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», Оинннномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти адвокатураро танзим мекунанд, адвокатҳо ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуда метавонанд. Тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан, мӯҳлат ва чораҳои муҷозоти интизомӣ бо Низомномаи Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо ва бо Низомномаи Комиссияи интизомии мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо ба танзим даровардa мешавад.

37. Чораҳои муҷозоти интизомиро ташкил менамоянд:

- сарзаниш
- танбеҳ
- хориҷ кардан аз аъзогии Коллегияи адвокатҳо.

38. Чораҳои муҷозоти интизомӣ нисбати ёрдамчӣ ва коромӯз-адвокат низ татбиқ карда мешавад.

39. Муҷозотҳои пешбинишудаи банди 29 Оиннома танҳо аз рӯи масъулиятҳои адвокат дар назди Коллегияи адвокатҳо татбиқ карда мешавад.

## ТАРТИБИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ КОЛЛЕГИЯИ АДВОКАТҲО

40. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Коллегияи адвокатҳо салоҳияти маҷлиси умумӣ буда, мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 9. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМАИ КОЛЛЕГИЯИ АДВОКАТҲО:

Тағйирот ва иловаҳо ба Оинномаи Коллегияи адвокатҳо аз ҷониби маҷлиси умумии Коллегияи адвокатҳо тасдиқ карда шуда, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта мешавад.